**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Парвандаи аттестатсионии № ___

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 1-уми декабри соли 2020, №39 дар бораи сазовор донистани Масиев Умед Октамович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Масиев Умед Октамович дар мавзӯи «Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 31.03.2020, суратмаҷлиси №20 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, №133) қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Масиев Умед Октамович 17 майи соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва дипломи аъло хатм намудааст.

Аз 14.01.2010 сол ин ҷониб унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №2 аз 26-уми сентябри соли 2019). Мавзӯи диссертатсия – «Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.09.2010 суратмаҷлиси № 01 (10-11) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Пулатов Азамат Содикҷонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикисто, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе)**, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоев Ҷ.Қ. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Хайрзода Ш.Қ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Масиев Умед Октамович дар мавзӯи «Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷичистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Масиев Умед Октамович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни катъи фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандӣ дорад.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллифи 5 маводи чопӣ мебошад, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Масиев, У.О. К вопросу о правовой особенности добровольной и принудительной ликвидации коммерческих организаций / У.О. Масиев // Правовая жизнь. – Душанбе, 2013. – №1 (01). – С. 135–146.

2. Масиев, У.О. К вопросу о прекращении деятельности индивидуального предпринимателя / У.О. Масиев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2012. – № 3/8 (101). – С. 79–83.

3. Масиев, У.О. Особенности реорганизуемого коммерческого юридического лица / У.О. Масиев // Известия Института философии, политологии и прав им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – № 4 (1). – С. 23–30

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

4. Масиев, У.О. Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.О.Масиев // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2019. –С.179-187.

5. Масиев, У.О. Проблемы прекращения деятельности индивидуального предпринимателя по законодательству Республики Таджикистан / У.О.Масиев // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы V Международной научно-практической конференции. – Душанбе, 2017. – С.229-234.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:** Каримов А.К. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Акадаемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Пирзода П.Р. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини прокурори шаҳри Ҳисор, мушовири адлияи дараҷаи 2; Искандарӣ Сулаймон - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прокурори калони Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашаовари Прокуратураи генералӣ, мушовири адлияи дараҷаи 2; Нусратуллоев Б.К. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба: дарки мисолҳои мушаххас барои асоснокии андешаи худ оид ба субъектони шакли коллективӣ ва хусусӣ; маънидод

намудани мафҳумҳои “равишҳои ҳимояи иштирокчиёни муомилаи амволӣ”, “ҷаримаи дерпардохт”, “ҷуброни ҷаримаи дерпардохт”; бештар асоснок намудани тақвия додани ҷараёни танзими ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ; баҳснок будани ба вақт маҳдуд будани табиати ҳуқуқии муносибатҳои ӯҳдадоркунанда; барои бартараф кардани ихтилофҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба КГ ҶТ пешниҳоди моддаҳои мушаххас оид ба барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ; шарҳу тафсири мафҳум ва моҳияти варосат; таҳлили назариявии ҷавобгарии амволии соҳибкорро фаро мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

- мафҳуми барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ **коркард карда шуд.**

- тартиби ихтиёрӣ ва маҷбурӣ қатъи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ **таҳқиқ гардидааст.**

- барои муқаррар намудани ҳолатҳои қать шудани фаъолияти соҳибкорӣ ба моддаи 62 КГ ҶТ тағйирот **пешниҳод шудааст.**

- **исбот шудааст, ки** мафҳуми барҳамдиҳӣ равиши қатъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа дар оянда ҳар гуна шакли фаъолият ва гузариши молумулк ба ворисон номумкин аст. Азнавташкилдиҳӣ қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бошад бо гузариши маҷмӯи ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳо ба ворис, бо тартиби варосати умумӣ фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми ворис шахси ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки ба ӯ ҳамаи ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда мегузаранд. Фарқияти муҳим байни барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ дар он аст, ки дар ҳолати аввал қатъи пурраи фаъолияти субъект, дар ҳолати дувум бошад, қатъи фаъолияти он дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муайян амалӣ мегардад. Дар ҳар ду ҳолат фаъолияти субъект қатъ гардида, он дигар вуҷуд надорад. Вобаста ба барҳамдиҳии субъект фаъолияти ӯ қатъ мегардад, дар мавриди азнавташкилдиҳӣ бошад, фаъолияти ӯ тамдид карда мешавад, вале на дар шакли қаблӣ, балки дар шакли нави ташкилӣ-ҳуқуқии субъект.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- пешниҳодҳои илмии аз ҷониби муаллиф тавсиягардида, метавонанд дар пажӯҳишҳои илмииояндаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода шаванд.

- аҳамияти назариявии таҳқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои асосии он метавонанд дар раванди таълим ҳангоми тадриси фанҳо ва курсҳои махсус, ба монанди «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи

соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи тиҷорат», «Танзими ҳуқуқии муфлисшавӣ» истифода шаванд.

- чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди А. Вольнов, А.А. Павлов, А. Степанов, Б.Архипов, В.В.Витрянский, В.С. Ем, В.И.Синайский, Г.Н. Давидов, Г. Шапкина, Г.Ф.Шершеневич, Д.И.Мейер, Е. Бакулин, Е. Дубовитская, Е.А.Суханов, И.Л.Корнеев, К.Н.Анненков, К.Д.Кавелин, К.П.Победоностсев, Л.Фролов, М.И. Брагинский, Н.И.Коваленко, Н.И. Краснов, Н.Козлов, О.С.Иоффе, О.Ю.Шилохвост, С.Н. Братус, С.Э. Жилинский, С.М.Попов, С.А. Хохлов, Т.И.Илларионов, Т.Д. Аиктулов, Ю.П.Свит, Ю. Тарасенко, Ю.А. Хорков ва дигарон омӯхта шуданд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот методҳои умумии маърифати илмӣ (диалектикӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таҳлил, таркиб (синтез), хулосабарорӣ) ва методҳои махсуси таҳқиқот, ба монанди системавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, инчунин методи таҳлили компонентӣ ва методи мушоҳидаи бевосита ва тасвирӣ, ки истифодаи он ба муайянсозии вижагиҳои монанд ва фарқкунандаи нуктаҳои ҳолатҳои таҳқиқшаванда ёрӣ расонид, ташкил намуданд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- дастовард ва пешниҳодоти муаллиф барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба танзими фаъолияти соҳибкорӣ заминаи муфид маҳсуб меёбанд.

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад;

- тавсияву пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷгардидаро барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба қатъи фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст;

- пешниҳоду дастовардҳои муаллиф ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ омӯхта шудаанд;

- мақсаду вазифаҳои диссертатсия бо назардошти мундариҷаи кор омода гардида, барои ҳалли масоили назариявӣ ва амалӣ муайян шудаанд;

- бо назардошти мушкилоти ҷойдошта пешниҳодҳои мушаххас пешниҳод гардидаанд, ки дар заминаи ғояҳои асосӣ таҳлил шудаанд.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти катъи фаъолияти сохибкорӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсиной санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, як қатор санадҳои меъёрии давлатҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи граждании, илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва 5 интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 1 декабри соли 2020 қарор қабул карда шуд, ки ба Масиев Умед Октамович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Азиззода У.А.**

**01 декабри соли 2020**